**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 016**
**назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон**
**ба номи Ш.Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе,**
**х. Рудакӣ, 146, E-mail: Olimov-1976@mail.ru)**

# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Расулова Давлатмо Буриевна., дар мавзӯи «Такмили асосҳои ташкилӣ - иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.**

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар шароити кунунӣ, ки роҳбарияти олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти озуқавориро яке аз ҳадафҳои стратегӣ муайян кардааст, дар ҳалли масъалаи мазкур соҳаи чорводорӣ нақши муҳимро мебозад. Барои ҳалли ин масъала ба инобат гирифтани чунин омилҳо зарур мебошад: қонеъ намудани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба маҳсулоти хушсифати соҳаи чорводорӣ, аз ҷумла гӯсфандпарварӣ, ҷорӣ намудани технологияи муосир дар истеҳсолот ва парваришу нигоҳубини зотҳои сермаҳсули чорво. Масъалаҳои мубрами мазкур танҳо дар заминаи ташкили илмии истеҳсолот, рақобати солим, истифодаи технологияи замонавӣ, баланд бардоштани ҳавасмандии моддию маънавии чорводорон, ҳалли худро меёбанд.

Масъалаи рушди бозори маҳсулотҳои гӯсфандпарварӣ мавриди таҳқиқоти олимон гардидааст, вале асосҳои назариявии моҳияти иқтисодии ташкили истеҳсолот дар шароити Тоҷикистон аз тарафи олимон ба пуррагӣ омӯхта нашудааст.

Ба ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ташкили истеҳсолот ва бо ин роҳ баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи гӯсфандпарварӣ дар асоси пешрафти илмӣ-техникӣ, ба маънои васеъ, таваҷҷуҳи кофӣ дода нашудааст, ки он андешидани тадбирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, технологӣ, техникӣ ва биотехнологиро тақозо мекунад.

Амалӣ намудани тадбирҳои мазкур метавонад рушди ин намуди фаъолияти иқтисодиро ба таври устувор таъмин намояд.

Масъалаҳои соҳибкорӣ дар фаъолияти иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ, инчунин вазъи иҷтимоию иқтисодии кормандони соҳаи гӯсфандпарварӣ ва зарурати такмили он омӯзиши минбаъдаро талаб мекунад. Имрӯз зарурати таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмил додани низоми ташкили истеҳсолот дар соҳа, дар шароити хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ дар асоси дастгирии давлатӣ дар заминаи хоҷагиҳои хурди молӣ ба миён омадааст, ки таҳқиқотҳои илмии диссертатсияи мазкур ба он бахшида шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиши асосҳои назариявии ташкили истеҳсолот ва самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, арзёбии тамоюлоти рушди соҳаи гӯсфандпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳод намудани самтҳои асосии такмилдиҳии ташкилӣ иқтисодии рушди самараноки гӯсфандпарварӣ мебошад, ки муаллиф тавонистааст дар доираи он таҳқиқотҳои илмиро анҷом диҳад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар асосноккунии пешниҳодҳои илмии ҳалли масъалаҳои ташкили истеҳсолот ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи гӯсфандпарварӣ инъикос ёфтаанд, ки омилҳои асосии рушди инноватсионии технологияи пешбурди соҳаи гӯсфандпарварӣ аз меъёри хӯрокдиҳии чорво, таъмини талаботи солонаи гӯсфандон бо моддаҳои ғизоӣ, таъмин намудани меъёри равшании табиӣ ва сунъӣ дар оғилхонаҳои нигоҳдории гӯсфандон, таъмини меъёрҳои микроиқлимии оғилхонаҳо, баланд бардоштани ҳавасмандии моддии чорводорон бо назардошти меъёрҳои сарфи меҳнат барои гӯсфандони ҳамаи синну сол, истифодаи самараноки неруи барқ, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ дар ҷараёни истеҳсолот иборат мебошад.

Вале, ба назари муқарриз агар Расулова Д.Б., баланд бардоштани сифати маҳсулотро, чун роҳи ноил шудан ба самаранокии гӯсфандпарварӣ таҳқиқ мекард, мазмуни диссертатсия боз беҳтар мегашт.

Вале эроди мазкур наметавонад қиммати  таҳқиқотро паст намояд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи  Расулова Д.Б.,  дар мавзӯи «Такмили асосҳои ташкилӣ - иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон»  барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст дар сатҳи баланди илмӣ –методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарриз:**

муовини директори Институти чорводорӣ
ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии
Тоҷикистон оид ба илм, таълим ва тайёр
кардани кадрҳои илмӣ, н.и.к. ________________ Раҷабов Н.А.
(имзо)

**Имзои  Н.А. Раҷабовро тасдиқ менамоям.**

**Сардори шӯъбаи кадрҳо:** ______________________________